«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
______________ Насриддинзода Э.С.
«_20_» ___06___________ соли 2025

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Расулзода Аслам Зафар дар мавзуи «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Расулзода Аслам Зафар унвонҷӯи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Расулзода Аслам Зафар соли 2011 ба ихтисоси «Сиёсат ва идораи давлатӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2016 хатм намуд.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28.09.2022, №352-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Расулзода Аслам Зафар «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ» дар маҷлиси Шурои олимони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 19.10.2022, суратмаҷлиси №3 тасдиқ шудааст. Роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ таъин гардидааст.

Диссертатсияи Расулзода Аслам Зафар дар ҷаласаи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14.05.2025, №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва мухтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Расулзода Аслам Зафар дар мавзуи: «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ» аз рӯйи

мазмуну мундариҷаи худ ба шиносномаи ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат дорад. Дар банди 4-уми шиносномаи ихтисоси мазкур «Нақш ва мавқеи ҳизбҳо дар муносибатҳои сиёсии муосир», «Ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва табиати ҳизбҳои сиёсӣ», «Вазифаҳои ҳизбҳои сиёсӣ», «Ҳизбҳо ва давлат», «Ҳизбҳо ва ҳаракатҳо», «Сохтори ҳизбҳои сиёсӣ», «Ҳизбҳо ва системаҳои интихоботӣ» ва чанде дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаб ҷанбаҳои назариявию методологии ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун субъекти системаи интихоботӣ, ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардидаанд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсияи мазкур аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» мувофиқат менамояд. Дар қарори мазкур «рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд» барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионии Расулзода Аслам Зафар дар мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои муаллиф нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ вобаста ба мавзуи таҳқиқи илмии ӯ чоп шудаанд ва аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мутобиқат доранд. Муаллифи диссертатсия вобаста ба мавзуи таҳқиқи илмии худ 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 маъруза дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ба нашр расонидааст. Теъдоди интишороти унвонҷӯ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Таҳқиқи нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар низоми интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси равишҳои назариявии сиёсатшиносӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи интихоботӣ таҳлили ҳамаҷонибаро тақозо менамояд. Ҳам асосҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳам омилҳое, ки ба нақши онҳо дар раванди интихобот таъсир мерасонанд, бояд ба назар

гирифта шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки хусусиятҳои фаъолияти низоми ҳизбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, дурнамои рушди он, тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории интихоботӣ ва баланд бардоштани нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди сиёсии демократӣ таҳия карда шаванд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти мазкур аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ мустақилона анҷом дода шудааст. Муаллифи диссертатсия тули 3 соли охир ба ҷамъоварии адабиёти илмӣ машғул гардида, солҳои 2022-2025 ба коркарди маводи ҷамъоваришуда, таҳлили онҳо ва таҳияи мақолаҳои илмию маърӯзаҳои илмӣ машғул шудааст. Тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси хулосаҳои илмии диссертатсия ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф пешниҳод шудаанд. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ мустақилона муайян карда шудааст. Мушаххас намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ натиҷаи фаъолияти илмию таҳқиқотии чандинсолаи ӯ мебошад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқи мустақилонаи довталаб ба шумор меравад. Довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқи мавзуъ иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо таҳия кардааст.

Диссертатсияи Расулзода Аслам Зафар дар мавзуи «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд: дар банди 4-уми шиносномаи ихтисоси мазкур «Нақш ва мавқеи ҳизбҳо дар муносибатҳои сиёсии муосир», «Ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва табиати ҳизбҳои сиёсӣ», «Вазифаҳои ҳизбҳои сиёсӣ», «Ҳизбҳо ва давлат», «Ҳизбҳо ва ҳаракатҳо», «Сохтори ҳизбҳои сиёсӣ», «Ҳизбҳо ва системаҳои интихоботӣ» ва чанде дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

Диссертатсияи Расулзода Аслам Зафар аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва номгӯи интишороти довталаб иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 5 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот аз рӯи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Расулов, А.З. Мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.З. Расулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №6-1. – С. 298-304. – EDN KVPQCH

2. Расулов, А.З. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун субъекти системаи интихоботӣ: ҷанбаҳои назариявию методологии масъала [Матн] / А.З. Расулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 10-2. – С. 267-276. – EDN TSDHUF

3. Расулзода, А.З. Омӯзиши асосҳои назариявии ташаккулёбии парламентаризм ва фаъолияти парламентии ҳизбҳои сиёсӣ [Матн] / А.З. Расулзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 12. – С. 403-411. EDN: UVBPKV

4. Расулзода А.З. Системаҳои интихоботӣ ва нақши онҳо дар раванди сиёсии ҷомеаи демократӣ [Матн] / А.З. Расулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025.– № 4. – С.286-293. EDN: AEPNKS

5. Расулзода, А.З. Нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар низоми интихоботии ШМА ва Канада [Матн] / А.З. Расулзода // Осиё ва Аврупо. – 2025. – № 1 (21). – С.92-99. EDN: TKWGNH

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

1. Расулов, А.З. Нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ [Матн] / А.З. Расулов // Мақом ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи геополитикии минтақа: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш.Душанбе, 29 августи соли 2023). – Душанбе: ДМТ, 2023. – С.230-245.

2. Расулов А.З. Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / А.З. Расулов // Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 29-уми ноябри соли 2022). –Душанбе: ДМТ, 2022. –С.325-229.

3. Расулзода, А.З. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи интихоботӣ [Матн] / А.З. Расулзода // Таҳлили омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии рушди ҷомеаи пасошуравии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (ш.Душанбе, 29-уми апрели соли 2025). –Душанбе: ДМТ, 2025. – С.427-437.

**Ҷаласа қарор кард:**

1.Диссертатсияи Расулзода Аслам Зафар дар мавзуи «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Расулзода Аслам Зафар дар мавзуи «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-079-и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 14.05.2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа:
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
мудири кафедраи равандҳои
сиёсӣ дар Тоҷикистон Қаландарзода К.Қ.

Котиби ҷаласа:
Номзади илмҳои сиёсӣ,
дотсенти кафедраи равандҳои
сиёсӣ дар Тоҷикистон Абилов С.А.

Имзоҳои Қаландарзода К.Қ. ва Абилов С.А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ.
Тавкиев Э. ____________________